# Мавзӯи 5.Фалсафи классикии даврони атиќа

**1.** Софистҳо ва софистика
**2.** Суқрот
**3.** Афлотун
**4.** Арасту

## Софистҳо ва софистика.

Дар ибтидо софистро шахсе мегуфтанд, ки худро ба фаъолияти фикрӣ мебахшид. Аммо бадътар маънои ин мафҳум маҳдутар шуда, ҳатто мазмуни манфиро низ соҳиб мешавад. Софистҳо хело зиёд буданд, аммо намоёнтарини онҳо Протагор, Горгий ва Продик мебошанд.

Софистҳоро «муаллимони ҳикмат» ном мебурданд. Онҳо натанҳо усули фаъолияти сиёсӣ ва ҳуқуқиро, балки масъалаҳои фалсафиро низ таълим медоданд. Софистҳо диққати худро ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ба масъалаи инсон ва ба масъалаҳои мубошират равона мекарданд. Ҳамин тариқ, санъати суханвариро, фаъолияти сиёсӣ ва ҳамчунин дониши аниқи илмӣ-фалсафиро таълим медоданд. Баъзе софистҳо усул ва шаклиҳои боваркунондан ва исботро новобаста аз масъала оиди ҳақиқати ҳолати исботшаванда матраҳ мкарданд. Дар бисёр маврид ҳатто ба андешаҳои бемаънӣ ва ночаспон низ такя мекарданд. Масаланд: «Чизеро, ки ту аз даст надодаӣ ту дорӣ; ту шохҳоро аз даст надодаӣ, пас ту шох дорӣ».

Барои ҳамин аз тарафи бисёр донишмандон андешҳои софистҳо чун гуфтори бемаънӣ ҳисоб мешаванд[*].

[*] «Ки чунин гуфтаи бемаънӣ кори суфаҳост» (Носири Хусрав).